# ТАҚРИЗИ

**мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло дар мавзуи «Бадоеъу-л-ваќоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, -Душанбе, 2026. -178с.**

Бояд тазаккур дод, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз самтҳои мухими илми таърих манбаъшиносӣ бахшида шудааст. Дар замони муосир илми манбаъшиносӣ ба авҷи баланди инкишофи худ расида, дар ҳудуди Тоҷикистон садҳо сарчашмаҳои арзишманди таърихӣ омӯхта шуда, мавриди таҳқиқи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Гуфтан мумкин аст, ки дар баробари дигар мутафаккирони тоҷик Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва осори пурғановати илмии ӯ дар мисоли «Бадоеъу-л-ваќоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» низ аз таҳқиқи манбаъшиносӣ дар канор намонда, бисёр масъалаҳои таърихӣ дар ин кори илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Тахкики мавзуи мазкур нишон дод, ки авзои сиёсии дохили кишвар дар ҳудуди Хуросон дар асрҳои миёна хеле мураккаб ва анъанаҳои зиёди қадимаи миллӣ арзи ҳастӣ намудааст. Дар диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло, ки авзои сиёсии дохили кишвар дар худуди вилояти Хуросон дар асрҳои миёна хеле мураккаб ва анъанаҳои зиёди қадимаи миллӣ мавҷуд буда, инъикос гардидааст. Кори диссертатсионии Сайдализода Рустам Абдулло дар асоси манбаъ, сарчашмаҳои хаттӣ ва мушоҳидаҳои илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, хулосаи илмӣ ва пешниҳодҳои нав бароварда шудаанд. Аҳаммияти дигари илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки он маводи зиёди манбаъшиносии муаллифро фарогир буда, арзиши илмии корро дучанд зиёд намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб дарбаргирандаи ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар мукаддимаи рисолаи диссертатсионӣ муҳиммияти омӯзиши мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуи интихобшуда таҳлилу баррасӣ гардидааст. Объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба таври мушаххас дақиқ карда шудаанд. Инчунин, дар муқаддима, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниход-шаванда, аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот, сатҳи татбиқи натиҷаҳои

таҳқиқот ва сохтори таркибии рисолаи диссертатсионӣ нишон дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва заминаҳои пайдоишу ташаккулёбии осори илмӣ-таърихӣ дар асри XVI» унвон шуда, зербоби якуми он ба «Ҳаёту фаъолият, рӯзгор ва мероси илмӣ-таърихии Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва шароити таърихии эҷоди асари «Бадоеъ-ул-вақоеъ» бахшида шудааст. Дар ин зербоб диссертант, масъала ва омилҳои ташаккулли муҳити илмӣ, таърихи сиёсӣ, таърихи пайдоиши асар, ҷойгоҳ ва аҳаммияти амалии он дар илми таърих бештар маълумот додааст.

Муаллиф дар зербоби якуми рисола дар бораи ҷанбаҳои ҳаёт ва вазъи таърихию сиёсии эҷоди асари «Бадоеъ-ул-вақоеъ» маълумот медиҳад. Ба андешаи муаллиф фаъолияти Восифӣ ҳамчун мутафаккир дар шаҳри Ҳирот дар иҳотаи пайвандону наздикон сарчашма гирифта, бо ҳидоят ва роҳнамоии хеши наздикаш Амонӣ, Соҳиби Доро ва бо дастгирии Алишер Навоӣ ба ҷодаи илм қадамҳои устувор мегузорад. Оромии авзои дохили давлатдории Темуриён ба эҷоди касбу камоли ӯ мусоидат мекард. Муаллиф дар ин мазмун хулоса мекунад, ин асари воқеан таърихӣ дар асоси санадҳои ҳаётӣ офарида шудааст. «Бадоеъ-ул-вақоеъ» фарогири бисёр масъалаҳои печидаи таърихӣ, ҷуғрофӣ, сиёсӣ ва мардумшиносӣ мебошад, ки метавон онро қомусномаи таърихии миллати тоҷик номид. Дар ин боб муаллиф омилҳои ташаккулёбии муҳити илмӣ, таърихи сиёсӣ, таърихи пайдоиши асар, ҷойгох ва аҳаммияти амалии он дар илми таърих маълумот додааст. Ба ғайр аз ин дар ин бахш дар бораи дараҷаи омӯзиш, саҳми олимон дар омӯзиши осори илмии Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар ҳудуди Хуросон, таҳқикот ба анҷом расонда шудааст. Муҳим он аст, ки масоили мазкур бори аввал дар чаҳорчубаи як кори илмӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Зербоби дуюм ба масоили «Вазъи Хуросону Мовароуннаҳр дар асри XVI ва шароити таърихӣ-эҷоди асари «Бадоеъ -ул -вақоеъ» бахшида шудааст. Дар зербоби мазкур, дар бораи ҳамлаҳои аҷнабиёни хориҷӣ, аз ҷумла шох Исмоили Сафавӣ ба қаламрави Хуросон ва сиёсати ҷории онҳо боиси хароб гардидани авзои фарҳангӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат мегардад, маълумот додааст. Ба андешаи диссертант, ин ҳаракати мафкуравӣ дар ҳудуди кишвархои зиёд паҳн гардида, то ба қаламрави Ҳирот низ расида, кинаву нифок ва ситонидани интиқоми байниҳамдигарӣ ва бо ин сабаб паноҳ овардани Восифӣ ба кишвари Мовароуннаҳрро нишон додааст.

Муаллиф дар асоси маводи сарчашмавии таърихии ба даст омада, ба хулоса меояд, ки низоъ ба ҷиҳати моҳият ё ба вахдат ё ин ки ба ҷанг

анҷом мегирад. Агар қувваи байни рақибон баробар шавад, вахдат пойдор мегардад ва агар тарафҳо ба вахдат наоянд, дар ин ҳолат низоъ метавонад ба ҷанг анҷом ёбад. Маводи зиёди сарчашмавии дар ин зербоб ҷамъовардашуда ва таҳлили амиқи онҳо гувоҳи он аст, ки диссертант, бо низоъҳои мазҳабии асри XVI, ки дар заминаи шиапарастӣ сабзиш ёфта, хуб шинос мебошад ва натиҷаҳои низоъи байни мазҳабии аҳли шиа ва суннӣ фоҷеаҳои зиёдеро ба бор оварда, ба инкишофи ҳаёти илмӣ, маданӣ ва хоҷагии мардуми тоҷик таъсири манфии хешро расонидааст.

Боби дуюми рисола «Инъикоси вазъи мазҳабӣ ва масъалаҳои динӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Зербоби якуми рисола «Инъикоси масоили мазҳабӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ» унвон дошта, диссертант дар бораи се нуқтаи муҳим, аз ҷумла унвон ва мансабҳои динӣ, маросими дафн ва унвон ва мансабҳои маъмурӣ бештар диққат додааст. Диссертант изҳор медорад, ки дар асри XVI барои умури идораи давлат ва танзими аҳволи динии мамлакат унвон ва мансабҳои зиёди динӣ амал мекард, ки дар «Бадоеъу-л-вақоеъ» мавқеъ ва нақши онҳо дар ҳаёти динӣ нишон дода шудааст. Ин унвонҳо шайхулислом, шайх, қозӣ, муфтӣ, хатиб, имом, халифа, муҳтасиб ва ғайра дар давлатҳои Темуриёну Шайбониён амал мекарданд, ки дар пешбурди қоидаю қонун ва шариати исломӣ нақш ва вазифаҳои хоси худро доштааст. Баррасии масъалаи додрасиву ҳокимиятро диссертант ба ҳукми қозӣ марбут медонист.

Ба андешаи диссертант, дар он замон вазифаи муҳтасиб иборат аз он буд, ки фасод гаштани ахлоқ ва маънавиёти ҷомеаро пешгирӣ намояд. Дар асрҳои миёна танзими нархи бозор, назорат аз болои тарозуҳои бозор, аз вазифаҳои иқтисодии бахши муҳтасиб ба шумор мерафтааст. Вожаи «муҳтасиб» дар эҷодиёти мутафаккирони асрҳои миёна бештар дида мешавад. Дар паҳлӯи рости тахти подшоҳӣ фармоннавис, шайхулислом, қозӣ, муфтӣ ҷойгир буданд, мустаҳкам намудани тартиботи ҷамъиятӣ ва қонунҳои мавҷудаи давлатдорӣ ҳиссаи хешро мегузошт. Ҳамчунин, дар ин зербоб, аз ҷониби диссертант, масъалаи маросими дафн ҳамчун маросими хоси хислати мансуби арзишҳои исломӣ ва урфияти мардумӣ низ тасвири худро ёфтааст. Масъалаи дигари марбут ба маросими дафн ни гузоштани сангнавиштаҷот дар болои қабр бо забони арабӣ мебошад. Дар асри XVI Зайниддини Восифӣ катибаи санги мазори Сиюнхоҷахонро, ки ҳокими Тошканд буд, навиштааст. Сангнавиштаҷот ё санги ёдгорӣ яке аз сарчашмаҳои хаттии

илми таърих аст, ки як давраи муайяни таърихии ҷамъиятро инъикос менамояд.

Зербоби боби дуюми рисола «Баррасии мартаба, маросим ва мансабҳои маъмурӣ дар «Бадоеъ-ул-ваќоеъ» ном дорад.

Омӯзиши унвону мансабҳои динию маъмурӣ дар асоси асари Восифӣ «Бадоеъ-ул -ваќоеъ» нишон дод, ки дар асрҳои XV ва XVI онҳо ба таври хеле зиёд мавҷуд буда, ҳар яке дар самти фаъолият, коргузорӣ ва корбарии дохили қаламрави мамлакат вазифаҳои хешро пеш бурда, амалҳои муайянеро ба сомон мерасониданд.

Боби сеюми рисола зери унвони «Бадоеъ–ул-ваќоеъ» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI» номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат мебошад. Зербоби аввал «Инъикоси ҳаёти меъморӣ ва ҳунармандӣ дар «Бадоеъ-ул-ваќоеъ» ном дошта, дар ин боб, муаллиф, масъалаи замина ва омилҳои асосии пайдоиши унсурҳои меъморию ҳунармандӣ, аҳаммият, моҳият ва хусусияти хоси рушди онҳоро дар ҳаёти мардуми Хуросон дар садаи XVI мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар зербоби мазкур масъалаи таҳқиқи вазъи ёдгориҳои меъморӣ ва касбу ҳунари мардуми Хуросон диққат додааст. Диссертант қайд менамояд, бунёди қалъаю қаср, мақбара, мадрасаю масҷид, корвонсарой, миршабхона, ҳаммому маҷмааҳои варзишӣ, ишратхона, зиндон ва ғайра рӯйдоди муҳим дар ҳаёти фарҳангии асри XVI ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, муаллиф изҳор менамояд, ки ёдгориҳои меъморӣ арзишҳои фарҳангӣ буда, бо ин мақсад далелҳои зиёдеро доир ба инкишофи ин соҳа дар ҳаёти мардум аз «Бадоеъу-л-ваќоеъ» овардааст. Бо назардошти ин нукта, мавзуи мазкур аҳаммияти арзишмандеро доро аст. Ба андешаи диссертант, дар ин давраи таърихӣ бештар ба бунёди биноҳои маъмурӣ, динӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию фароғатӣ, варзишии талаби замонро сохта ба истифода қарор медоданд. Ба мавқеи ҷойгиршавии ин ё он иншооти меъморӣ, тарҳи бино ва намуди он, маводи сохтмонӣ диққат дода мешавад, ки ба ҳусну пешравии шаҳрҳо ва ташрифи меҳмонону сайёҳон мусоидат менамояд. Диссертант, дар асоси маводи зиёди илмӣ, масъалаи меъморию бинокорӣ ва маводи сохтмониро дар рӯзгори аҳолӣ дар асри XVI, роҳҳо ва омили бунёди манзили зист ва иншоотҳои дигари ин минтақа ва ғайраро мавриди таҳқиқ қарор дода, хулоса ва фикру андешаҳои худро пешниҳод намудааст.

Зербоби дуюми боби сеюм «Инъикоси санъати мусиқӣ ва этнографӣ дар асари таърихии «Бадоеъ-ул-ваќоеъ» ном дошта, муаллиф оид ба муҳим будани нақши санъат дар ҳаёти мардуми тоҷик, намудҳои санъат,

созҳои миллӣ ва навозиши асбобҳои мусиқӣ дар байни мардум, иҷрои санъати рақс, санъати наққошӣ, адабию бадеӣ, санъати дӯхтани сару либос ва омода кардани ғизо таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, хусусияти баргузорӣ ва навозиши онҳоро таҳқиқ намудааст. Диссертант, дар асоси таҳқиқоти муҳаққиқон як қатор созҳои мусиқии Хуросонро бо созҳои мусиқии имрӯза муқоиса намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки дар Хуросон то имрӯз баъзе аз созҳои давраи асрҳои миёна боқӣ мондаанд. Диссертант, ҳамчунин, дар ин зербоб, ба як қатор масъалаҳо, аз ҷумла мавқеъ ва нақши санъати адабию бадеӣ дар ҳаёт, аз қабили фалакхонӣ, чистонхонӣ, қасидахонӣ, латифаҳо, зарбулмасал ва сару либос, аз қабили шалвор, ҷома, поҷома, рӯймол, тоқӣ, тунбон, хӯрокҳои хонагӣ ва ҷамъиятӣ (ошхонаҳои шаҳрӣ)- ро мавриди таҳлил ва пажӯҳиши илмӣ қарор додааст. Муаллиф, изҳор менамояд, ки либоси мардуми тоҷик аз дигар қавму қабилаҳо дар баробари қаробат дорои фарқиятҳои махсус мебошад. Дар бораи тағйир намудани сару либос, намудҳо ва тарзи истифодаи он дар ҳаёти мардуми Хуросон маълумот додааст.

Зербоби сеюми боби сеюми рисола ба таҳқиқи «Инъикоси суннатҳои мардумӣ ва анъанаҳои миллӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» бахшида шудааст, ба ташкил ва баргузории маросими тӯй, ҷашну маросими марбут ба тӯйи арӯсӣ, одоби меҳмондорӣ, варзиш, ченакҳои вазн, дарозӣ ва пул мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Чи тавре ки маълум аст, суннатҳои мардумӣ ва омӯзиши онҳо аз аҳаммият холӣ нест. Диссертант изҳор медорад, ки маросими тӯйи тоҷикон аз интихоби арӯс, хостгорӣ, фотиҳа, никоҳ бастан, ба хонаи домод бурдани арӯс, сартарошони домод, пеши тахт гузоштани шаҳбача ва арӯс ва ғайра иборат аст. Диссертант, ҳамчунин, ҷанбаҳои аз қабили одоби меҳмондорӣ, расмияти меҳмоннавозӣ, мизбон, қабули меҳмон ва гусели меҳмон, варзиш, шаклҳои гуногуни варзиш, аз ҷумла, шамшерзанӣ, найзапартоӣ, гӯштингирӣ, пиёдаравӣ, аспсаворӣ, чавгонбозӣ, шиноварӣ, бандкашӣ, муштзанӣ, камонварӣ ва ченакҳои дарозӣ лик, ваҷаб, қадам, газ, кулоч, парча, фарсанг, фарсах, мил) ва вазн (пуд, мисқол, як санг ва г.) таҳлил ва хулосабардорӣ намуда, дар бораи камонварӣ ва тирпартои беҳтарини замони худ – Ҳиндуҳоча маълумот додааст. Дар рисолаи илмӣ масъалаи воситаҳои пулӣ, масъалаи бароиш ва гардиши пул, эквиваленти арзиши мол, сиккаҳои «динор», нуқрагӣ «танга» ва мисӣ «ашрафӣ» ва вазни муайяни он дар асрҳои миёна дар сатҳи минтақавӣ мавриди таҳқиқ ва анҷом расонида шуда, маводи онҳо аз нав мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, ки тавассути тиҷорати пулӣ инсоният бо металлҳо, минтақаҳо

ва одамону забони муоширати онҳо аз наздик шиносӣ пайдо кардааст. Диссертант, дар таҳқиқи масъалаи инъикоси суннатҳои мардумӣ ва анъанаҳои миллии мардуми тоҷик ба анъанаи меҳмоннавозии онҳо, ки дар раванди ҳаёт ба анҷом расонда шуда аст, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Муайян намудааст, ки бештари ин суннатҳо ва анъанаҳои мардумӣ аз қабили меҳмоннавозӣ, қабул ва гусели меҳмон ва дигар урфу одатҳо то имрӯз дар ҳудуди Хуросон каму беш боқӣ мондаанд ва бо маросимҳои дар асрҳои миёна идомашуда, пайвастагии таърихӣ доранд. Ба ғайр аз ин, дар бораи ченакҳои вазн ва дарозии тоҷикон диссертант, фикру андешаҳои худро ба таври возеҳ ва дақиқ пешниҳод намудааст.

Дар хулосаи рисолаи диссертатсионӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, таҳлилу баррасии масоили анъанаҳои миллӣ дар «Бадоеъу-л-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ натиҷагирӣ шуда, пешниҳодҳо баён гардидаанд. Ҳамин тавр, аз раванди омӯзиши мавзуи диссертатсия, метавон ба натиҷа расид, ки таҳқиқи масъалаи дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» аҳаммияти калони илмӣ дорад. Бо вуҷуди муваффақиятҳои дар боло зикр гардида ба андешаи мо баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд:

Якум, ҳаҷми хулосаҳо дар охири бобҳо ва зербобҳо нисбатан кам ба назар мерасад;

Дуюм, дар доираи мафҳуми Наврӯз дар боби дуюм, зербоби сеюм дарҷ гардидааст, аммо шарҳу тавзеҳи васеъ нагардидааст;

Сеюм, муаллиф дар омода намудани рисолаи илмӣ бо баъзе хатогиҳои имловию техникӣ роҳ додааст.

Бо вуҷуди ҳамаи ин баъзе камбудиҳо рисолаи диссертатсионии Сайдализода Рустам Абдулло ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

Доктори илмҳои таърих,
директори Институти таърих, бостоншиносӣ
ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ Муродзода А.А.

Имзои А.А. Муродзодаро тасдиқ менамоям.
Нозири кадрҳои ИТБМ ба номи А.Дониш Файзуллоева Г.Қ.
11.02.2026